# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Ғоиб Сафарзода аз адибони бомаҳорат ва соҳибитеъдоду рангинхаёли адабиёти муосири тоҷик аст, ки бо осори адабӣ, публитсистӣ ва маърифатии худ саҳми муносибашро дар танвири афкори ҷомеа, махсусан, дар худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва монанди инҳо гузоштааст. Вай аз замони ба майдони фарохи адабиёт ворид шуданаш, таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро зуд ба сӯйи худ кашида, чун истеъдоди нодир ва шоири ояндадор эътироф гаштааст. Ин маъниҳо дар нахустин мақолаи адабиётшинос Б. Насриддинов дарҷ ёфта, минбаъд дар мақола ва асарҳои таҳқиқотии С. Табаров, М. Шукуров, М. Миршакар, Ю. Акбаров, Ш. Ёдгорӣ ва дигарон ба таъкид вусъат пайдо намудааст. Бо вуҷуди ин, дар адабиётшиносии муосир доир ба зиндагинома ва эҷодиёти Ғоиб Сафарзода таҳқиқи монографие, ки корномаҳои адабӣ, ҳунари суханофаринӣ ва роҳи тайкардаи ӯро нишон диҳад, сурат нагирифтааст. Аз ҷониби Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» ин холигоҳро дар адабиётшиносии муосир пур хоҳад кард ва як саҳифаи тозаеро дар дар ин самт боз хоҳад намуд. Ин амали диссертант ҳам ба навгонии таҳқиқот ва ҳам ба мубрамии он далолат мекунад.

Аз мутолиаи автореферати диссертант аён мешавад, ки ӯ маводи адабии марбут ба осори Ғоиб Сафарзода ва муосирони вайро гирдоварӣ намуда, онҳоро бо равишҳои муҷарраби илмӣ ба нақшаи муайян ворид карда, бар пояи назарияи адабиёт ва дастовардҳои донишмандон бонизом ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Диссертант дар муқаддима ва се бобу фаслҳои дахлдори диссертатсия, «Шарҳи ҳол, фаъолияти эҷодӣ ва мероси адабии Ғоиб Сафарзода», «Муҳтавои ашъори Ғоиб Сафарзода» ва «Ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода»-ро бо далелҳои муътамад, намунаҳои ҷолиби осори шоир таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқ кардааст.

Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна ҳамаи он ҳадафу мақсад ва масъалаҳое, ки дар тадқиқи мавзуъ дар худ гузоштааст, дар сатҳи хуби илмӣ ҳал ва таҳлилу натиҷагирӣ кардааст. Хулосаи пажуҳишро диссертант дар 13 банд мушаххас намудааст, ки ҳамагӣ ҷолибу муътамаду боварибахшанд.

Авторефератии диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна бо сабки равони илмӣ, забони садаву мафҳум таълиф ёфта, истилоҳоти илмӣ ва намунаҳои адабӣ мувофиқи матлаб истифода шудаанд.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсияи мазкур маълум мешавад, ки он таҳқиқоти анҷомёфтаи илмист ва бо дастовардҳову комёбиҳои илмии худ дар шинохти рӯзгору осори Ғоиб Сафарзода метавонад аз ҳар ҷиҳат мусоидат намояд.

Мазмуну мундариҷа ва гузоришу мақолаҳои чоп намудаи диссертант муҳтавои умумии таҳқиқотро фаро гирифтааст.

Дар радифи бартариҳо ва муваффақиятҳои илмӣ дар матни автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои ҷузъӣ маълум шуданд, ки зикри онҳо барои беҳбудии фаъолияти ояндаи диссертант аҳаммиятнок хоҳад буд:

1. Истифодаи нодурусти вожаи “нишондиҳанда” дар матн (саҳ.7);

2. Сарфи назар кардани аломати вергул (саҳ.8, 13, 18);

3. Нишон надодани саҳифаи иқтибос дар поварақ (саҳ.19).

Дар ҳар сурат, ғалатҳои таъкидшуда ҷузъӣ мебошанд ва онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши диссертатсияро коста намесозанд.

Хулоса, авторeферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода», кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ аст.

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Ҳикматов Ҷумабой Ҳакимович

Нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10
Тел: 935-43-53-29
E-mail: orifjon2216@mail.ru

Имзои Ҷ. Ҳ. Ҳикматовро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.

Нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10
info@ttu.tj, ttu@ttu.tj
+992 (372) 21-35-11
+992 (372) 23-02-46

19. 02. 2024.